# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи доктории Зикирзода Ҳобил дар мавзӯи: «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи Шарқӣ» барои дарёфи дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Омӯзиши появу бунёди фалсафии мактабу ҷараёнҳо ва осори мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маротиб афзудааст. Вай ҳамчун бахши калидии таърихи фалсафаи ватанӣ дар баробари мавҷудияти теъдоди зиёди маводу сарчашмаҳои даврони куҳан ва асрҳои миёна, ки ба таҳқиқотҳои ҳамаҷониба ва таҳияи методология, инчунин методу усулҳои мушаххаси таҳлили феноменологӣ ва шарҳу тафсири матнҳои фалсафӣ зарурат доранд, тақозои даврони муосири таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Барои муҳаққиқони тоҷик, ки ин масъалаҳо маҳаки ковиши илмӣ ва баёни моҳияту мавқеи ҷаҳонбинии ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла машшоияи шарқиро ташкил медиҳад, хеле муҳим ва ҷолиб ба шумор меравад. Дар шакли умум тамоми таҳқиқгарони Ғарбу Шарқ саҳми бузурги пайравони ин мактаби ақлгарои форсу тоҷикро дар рушду пешрафти илмҳои дақиқ, тиб, мантиқ, кайҳоншиносӣ, адабу фалсафа ҳамчун ақидаву андешаҳои хоссу бикр на танҳо дар Шарқи Наздик ва Миёна, балки дар Европаи асримиёнагӣ ва даврони «Эҳё» («Ренессанс») нишон додаанд.

Таҳқиқоте, ки дар доираи рисолаи доктории Зикирзода Ҳобил сурат гирифтааст ба масъалаи хеле ҷиддии фалсафию антропологии на танҳо асрҳои миёна, балки замони муосир, яъне ихтиёр ва озодии иродаи инсон дар низоми фалсафии машшоиёни шарқӣ бахшида шуда, комёбӣ ва дастовардҳои илмӣ, фалсафӣ ва тафаккури фарҳангии намояндагони барҷастаи миллати тоҷикро дар ин самт, инчунин андешаҳои илмию интиқодӣ ва амиқу баррасиҳои дақиқӣ муаллифи рисоларо дар бар

гирифтааст. Таваҷҷӯҳ зоҳир кардани муаллиф ба ин масъалаи хеле ҷиддии ҷаҳонбинии фалсафӣ мактаби пайравони Арастуии Шарқ хеле рузмарра ва саривақтӣ буда, хонандаро маҷбур месозад дар доираи арзишҳои муосир ба масъалаҳои абадии ҳикмат, ки ҳакимони ақлгаро ба он дар чаҳорчубаи илмҳои пешрафтаи замони худ рӯй овардand, бо ҷиддияти илмӣ назар афканад.

Навгонии илмии рисола нисбат ба таҳқиқотҳои зиёде, ки дар ин самт сурат гирифтанд дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар омӯзиши таърихи фалсафаи форсу тоҷик осори фалсафии ҷонибдорони машшоия асоси анъанаи нави консептуалии халқӣ масъалаи озодии иродаи инсон, яъне «ихтиёр»-ро дар шакли системавӣ ва муқоисавӣ дар раванди омӯзиш ва маърифати олами ҳастӣ ва инсон, инчунин истифодаи онҳо дар таҳлили як силсила масъалаҳои фалсафӣ сурат гирифтааст.

Сохтори рисола баъд аз омӯзиши хеле амиқ ва ҳамаҷонибаи масъала тарҳрезӣ гардида, дар он дар шакли як низоми пурра ва мукаммал марҳилаҳои алоҳидаи ташаккули масъалаи озодии инсон дар раванди маърифати моҳияту мақом ва ҷойгоҳи инсон дар низоми офариниш бо истифода аз маводи зиёди назарӣ пешкаш гардидааст.

Рисолаи докторӣ дорои сохтори мушаххас буда, дар он муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт инъикоси худро пайдо кардаанд. Хулосаи рисолаи илмӣ дар доираи талаботи таҳқиқотҳои фалсафӣ сурат гирифта, консепсияи илмии рисола тарз ва роҳу воситаҳои истифодаи амалии онро мушаххас баён сохтааст.

Дар асоси шиносоӣ ва таҳлили автореферати рисолаи доктории Зикирзода Ҳобил метавон хулоса кард, ки рисолаи барои дифоъ пешниҳодшуда дар доираи консепсияи илмиву мантиқӣ бо далелу бурҳони амиқ дар ҳалли масъалаҳои озодӣ, ҷабру ихтиёр, қазову қадар, озодии ирода ва таззоди он бо фармонбардорӣ, озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс, адолат асоси назарияи озодӣ, консепсияи озодӣ ва фармонбардории машшоиёни шарқӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва

ғайра фикрҳои хеле ҷолиб ва дорои моҳияти фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ пешниҳод намудааст. Ин худ саҳми бузурге дар рушду пешрафти методологияи самти ҷадиди фалсафаи муосири тоҷик мебошад. Хусусияти воқеӣ доштани хулосаҳои муаллиф бо сарчашмаҳои бунёдӣ таърихӣ-фалсафӣ ва назариявӣ, аз мавқеи методологӣ асоснок ва ҳангоми таҳлилу муқоисаи матнҳо таҷдиди назар гардидаанд.

Консепсияи асосии рисола дар мақолаҳо ва монографияҳои муаллиф пешкаш ва амалӣ шудаанд. Хосатан бояд тазакур дод, ки робитаи мутақобила байни рисолаи доктории Зикирзода Ҳобил бо таҳқиқоти рисолаи номзадии вай, ки ба фалсафаи Ибни Халдун бахшида шудааст, мавҷуд буда, дар он низ масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифат, инсоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ инъикоси худро ёфтаанд. Чунин роҳу равиш ва тарзу усули таҳқиқотро метавон дар мисоли 2 монография ва 26 мақолаҳои илмии диссертант, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷалаҳои илмӣ, ки ба табъ расидаанд, мушоҳида намуд. Ин худ маънои онро дорад, ки рисолаи илмӣ дорои арзиши баландӣ илмӣ дошта, талабот барои нашри паҳлӯҳои мухталифи он дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон хеле зиёд аст.

Дар баробари муваффақиятҳои ба даст овардаи муаллифи рисола як нуктаро бояд зикр созем, ки автореферати рисола аз нигоҳи ягонагии мафҳумҳо ва макулоти (категорияҳои) фалсафӣ дар вақти таҳлили забонӣ (лингвистӣ) содда ва сохта ба назар мерасанд. Ин гуноҳи Зикирзода Ҳобил набуда, камбудиву норасоии тамоми рисолаҳои илмӣ дар бахши таърихи фалсафа ва умуман фалсафа мебошад. Мафҳумҳои фалсафие, ки дар забонҳои арабӣ ва форсӣ истифода мебаранд, ҳанӯз дар асрҳои VIII-IX ҳангоми тарҷумаи матнҳои фалсафӣ аз юнонӣ, ҳиндӣ ва ғайра ба забони суриёӣ ва баъдан ба забонҳои арабиву форсӣ ворид шуданд ва то имрӯз қариб бе тағйир истифода мегарданд. Вале бисёр мафҳумҳои фалсафӣ ба забони муосири тоҷикӣ аз забони русӣ тарҷумаи

таҳтулафзӣ шуда, моҳияти худро аз даст додаанд. Имрӯз зарурати он расидааст, ки ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шавад.

Дар асоси таҳлили интиқодии автореферати рисолаи доктории Зикирзода Ҳобил метавон баҳо дод, ки рисола дар маҷмуъ асари пурарзиши илмӣ буда, мутобиқи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст, мебошад. Инчунин, ба самти ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати
ҷавонон, доктори илмҳои фалсафа Н. Содиқӣ

Имзои «Н. Содиқӣ»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Содиқӣ Насиба
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 42,
тел: (992 37) 221-24-66, (992) 93 598 59 99
E-mail - bedil68@mail.ru

05.06.2024